# Ҷашни баҳору зебоӣ – Рӯзи Модар муборак бод!

Submitted by Ҳайати тадорукот on 5 March, 2020 - 15:55 **Модар офарандаи ҳаёт, пайвандгари наслҳо, сарчашмаи меҳру муҳаббат ва нерубахши рӯҳу ҷон мебошад.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Файзи ҳастӣ аз вуҷуди меҳрубони модар аст,
Асли мо, ному нишони мо забони модар аст.

Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шуморо бо фаро расидани ҷашни баҳору зебой – Рӯзи Модар самимона муборакбод менамояд.
Воқеан, Зан – Модар дар ҳаёти ҷомеа мавқеи бузург дошта, дар пешрафти кулли ҷанбаҳои зиндагии осуда саҳми арзанда дорад. Шумо аз зумраи онҳоед, ки бо фаъолияти хеш баҳри ободии Ватани азизамон содиқона хидмат карда, дар рушди ҷомеаи соҳибистиқлоламон саҳми арзанда нишон медиҳед.
Аз фурсат истифода бурда, бо фарорасии ҷашни Рӯзи Модар Шуморо дар ин рӯзи фархунда сидқан муборакбод намуда, орзуи онро дорем, ки рӯзгоратон шабеҳи гулҳои баҳорӣ ҳамеша шукуфон ва хандон бошад!

Бо эҳтиром,
раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
О. Муҳаммадҷонзода

**Content rating:** 5

Average: 5 (2 votes)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [1]

**Source URL:**http://www.kumitaizabon.tj/en/node/6631?mini=2025-09

**Links**
[1] http://www.kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/10